# 36869 - Саъй байни Сафо ва Марва танҳо дар ҳаҷ ё умра машрӯъ аст

**савол**

Оё саъйи нофила ҷоиз аст?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шайх Ибни Усаймин гуфтааст:

Саъйи нофила ҷоиз нест, зеро саъй танҳо дар маносики ҳаҷҷу умра машрӯъ аст. Чунки Аллоҳ таъоло мефармояд:

إِنَّ الصَّفَا وَالْمَرْوَةَ مِنْ شَعَائِرِ اللَّهِ فَمَنْ حَجَّ الْبَيْتَ أَوِ اعْتَمَرَ فَلا جُنَاحَ عَلَيْهِ أَنْ يَطَّوَّفَ بِهِمَا وَمَنْ تَطَوَّعَ خَيْراً فَإِنَّ اللَّهَ شَاكِرٌ عَلِيمٌ

سورة البقرة: ١٥٨

**«Ҳамоно Сафо ва Марва аз шаъоир (ва нишонаҳо)-и Аллоҳ аст. Пас, ҳар кас ҳаҷҷи хона (-и Аллоҳ) ё умра ба ҷой оварад, бар ӯ гуноҳе нест, ки миёни он ду тавоф (саъй) кунад. Ва ҳар кас ба майлу рағбати худ кори некеро анҷом диҳад, пас ба дурустӣ, ки Аллоҳ сипосгузори доност».** (Сураи Бақара: 158).